**Хулосаи роҳбари илмӣ**
**ба диссертатсияи Набизода Маҳфуза Раҳмат дар мавзӯи «Ҳолати муосир ва дурнамои рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 5.2 – иқтисодиёт (5.2.13 – иқтисодиёти соҳибкорӣ)**

Дар шароити муосири рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи таъмини шуғли аҳолӣ, махсусан занон, яке аз самтҳои муҳими сиёсати иҷтимоӣ ва иқтисодии давлат ба ҳисоб меравад. Тахти таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ, рақобати бозорӣ ва тағйироти сохторӣ дар иқтисодиёт зарурати истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ, аз ҷумла иқтидори меҳнатии занон, бештар мегардад. Занон қисми назарраси аҳолии қобили меҳнатро ташкил намуда, иштироки фаъоли онҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ метавонад ҳамчун омили муҳимми таъмини рушди устувори иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи даромади аҳолӣ ва коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ хизмат намояд.

Бо вуҷуди тадбирҳои андешидашудаи давлат оид ба дастгирии соҳибкорӣ ва баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ, ҳанӯз ҳам як қатор мушкилот вобаста ба иштироки занон дар фаъолияти соҳибкорӣ боқӣ мемонад. Аз ҷумла, маҳдудияти дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ, сатҳи нокифояи донишҳои соҳибкорӣ, норасоии инфрасохтори дастгирии соҳибкорӣ, инчунин таъсири омилҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба фаъолияти иқтисодии занон аз ҷумлаи чунин мушкилот ба шумор мераванд. Дар ин замина омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаҳои рушди соҳибкории занон ва нақши он дар таъмини шуғл аҳамияти муҳими илмӣ ва амалӣ касб менамояд.

Маҳз ба ҳамин масъалаи мубрами илмӣ диссертатсияи Набизода Маҳфуза Раҳмат бахшида шудааст.

Муқаррароти назариявӣ ва методологии диссертатсия, объект, мавзуъ, навгониҳо ва муҳтавои асосии диссертатсияи Набизода Маҳфуза Раҳмат ба бандҳои 16. Таҳияи методология ва методологияи таҳлили арзёбии фаъолияти сохторҳои корпоративӣ, соҳибкории хурду миёна, корхонаҳои бахши давлатӣ ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар вилоятхо ва ноҳияҳои маъмурӣ. Масъалаҳои истифодаи оқилонаи сарватҳои моддӣ ва ғайримоддии минтақавӣ – захираҳои табиӣ, базаи моддию техникӣ, сармояи инсонӣ ва ғайра; 23. - Механизми ҳудудии рушди тиҷорати хурд ва соҳибкории хусусӣ дар сатҳи мезо. Муаммоҳои баланд бардоштани самаранокии тиҷорати хурд ва миёна дар минтақаҳо. Стратегияи ташаккул ва рушди низоми соҳибкорӣ дар бахшҳо ва соҳаҳои иқтисодиёти минтақа мувофиқат менамояд.

Набизода Маҳфуза Раҳмат дар давраи таҳияи диссертатсия худро ҳамчун муҳаққиқи соҳибтахассус, масъулиятшинос ва дорои ҷаҳонбинии васеи илмӣ нишон дод. Ӯ дар муҳлатҳои муқаррargardида ҳамаи марҳилаҳои нақшаи корҳои илмиро иҷро намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти худро дар конференсияҳои илмӣ ва мақолаҳои илмӣ муаррифӣ кардааст.

Дар мухлатҳои муқарраршуда унвонҷӯ тамоми имтиҳонҳои заруриро супорида, аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар нашрияҳои илмӣ инъикоси худро ёфта, аз санҷиши илмӣ ва муҳокимаи мутахассисон гузаштаанд.

Дар ҷараёни таҳқиқот аз маҷмуи усулҳои муосири тадқиқоти иқтисодӣ истифода шудааст, аз ҷумла усулҳои таҳлили иқтисодию оморӣ, муқоисавӣ, монографӣ, экспертӣ, таҳлили системавӣ, усулҳои индуксия ва дедуксия, инчунин усулҳои иқтисодию математикӣ. Истифодаи чунин усулҳо ба муаллиф имкон додааст, ки масъалаҳои рушди соҳибкории занон ва нақши он дар таъмини шуғли аҳолиро ҳамаҷониба таҳлил намояд.

Кори диссертатсионӣ саҳми назаррас дар рушди асосҳои назариявӣ ва методологии соҳибкории занон ба ҳисоб меравад. Хулосаҳо, пешниҳодҳо ва тавсияҳои дар рисола ироагардида дар заминаи таҳлили амиқи вазъи мавҷудаи соҳибкории занон дар вилояти Суғд ва омӯзиши таҷрибаи ватаниву хориҷӣ таҳия шудаанд. Муаллиф омилҳои маҳдудкунандаи рушди соҳибкории занонро муайян намуда, самтҳои афзалиятноки такмили механизмҳои дастгирии давлатии онҳо ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкории занонро пешниҳод намудааст.

Дар кори диссертатсионӣ муаллиф таълифоти илмии ватанию хориҷиро оид ба рушди соҳибкорӣ ва нақши он дар таъмини шуғли занон мавриди истифода қарор додааст. Ҳамзамон, таҷрибаи пешрафтаи кишварҳои хориҷӣ таҳлил гардида, имконияти мутобиқсозии он ба шароити вилояти Суғд асоснок карда шудааст. Муаллиф дар заминаи таҳлили ҳамаҷонибаи ҳолати кунунии соҳибкорӣ дар вилояти Суғд, омилҳои боздорандаи рушдро муайян намуда, ҷиҳати такмили минбаъдаи рушди соҳибкории занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳои мушаххаси илман асоснок намудааст.

Навоварии илмии таҳқиқот дар асоснок намудани моҳияти иқтисодии соҳибкории занон, коркарди модели ташкилии такмили он, пешниҳоди механизмҳои баланд бардоштани дастрасии молиявӣ, рушди хизматрасониҳои рақамӣ дар самти соҳибкорӣ ифода меёбад.

Дар хулосаҳо ва пешниҳодҳои таҳқиқот натиҷаҳои асосии илмӣ ҷамъбаст гардидаанд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифро дар рушди назария ва амалияи соҳибкорӣ, бозори меҳнат ва сиёсати шуғли аҳолӣ тасдиқ менамоянд. Тавсияҳои амалии пешниҳодшуда метавонанд ҳангоми таҳияи барномаҳои давлатӣ, стратегияҳои рушди соҳибкории занон, барномаҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ истифода гарданд.

Бо натиҷагирӣ метавон қайд намуд, ки диссертатсияи Набизода Маҳфуза Раҳмат дар мавзӯи «Ҳолати муосир ва дурнамои рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд» таҳқиқоти мустақили анҷомёфтаи илмӣ буда, дар сатҳи баланди назариявӣ ва методӣ иҷро

шудааст. Натиҷаҳои бадастомада дорои навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд, хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодгардида аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва эътимоднок мебошанд.

Диссертатсия ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 тасдиқ гардидааст ва нисбат ба диссертатсияҳои барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ихтисос пешниҳодшаванда муқаррар шудаанд, ҷавобгӯ мебошад. Аз рӯи муҳтаво, навгонии илмӣ, дараҷаи асоснокии натиҷаҳои бадастомада, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, рисола ба талаботе, ки нисбат ба корҳои илмӣ-тахассусии ин зинаи таҳсилот ва дараҷаи илмӣ пешниҳод мегарданд, пурра мутобиқат менамояд.

Аз ин рӯ, ҳисоб менамоям, ки диссертатсияи Набизода Маҳфуза Раҳмат дар мавзӯи «Ҳолати муосир ва дурнамои рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд» кори анҷомёфтаи мустақили илмӣ буда, муаллифи он Набизода Маҳфуза Раҳмат сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 5.2.13 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ мебошад.

Роҳбари илмӣ:
Ректори МД «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон»
д.и.и., профессор Асрорзода У.С.

“26” 06 2025 с.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5
Тел.: (+ 992 37) 234-88-02, (+ 992 37) 234-88-24
*E-mail:* info@iutet.tj